# ПРОТОКОЛИ

чаласаи васеи шуъбаи педагогика ва психология, фанҳои ҷомеашиносии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

аз 23.05.2022 № 5 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**

Лутфуллоева П.- муовини директор, н.и.п.
Абдурашитов Н. – мудири шуъба, н.и.п.
Назиров Н.- мудири шуъба, н.и.с.
Давлатшоев И. - ходими пешбари шуъба, н.и.п.
Зиёзода Т.Н. – д.и.п., профессор
Хасанов Ю. – ходими калони шуъба,
Мардинаева М. – ходими илмӣ,
Маҳкамов Д. – н.и.п., мудири шуъба,
Иматзода Л.М.- роҳбари илмӣ, д.и.п., дотсент
Ризоева Н.М. - унвонҷӯ

**Рӯзнома:**

Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

**Раискунанда:** Ҳозирини гиромӣ! Дар рӯзномаи ҷаласа муҳокимаи рисолаи илмии унвонҷӯи муассиса Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи “Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ” аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешбинӣ гардидааст.

Унвонҷӯ рисолаи илмии худро дар асоси нақшаи илмӣ-тадқиқотии шуъбаи педагогика ва психология омода намудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Иматзода Лутфия Маҳмадулло, доктори илмҳои педагогӣ, директори Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Рисолаи илмиро муқарризон** Зиёзода Т.Н. - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи таърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Маҳкамов Д. – дотсент номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додаанд.

3. Котибова Ш. - номзади илмҳои педагоӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Сухан барои баён намудани мазмуни мухтасари рисолаи худ ба унвончӯ дода мешавад.

**Шунида шуд:** унвончӯ Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна иштирокчиёнро бо мазмуни асосии рисолаи худ шинос намуд.

Рисолаи илмӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт 165 номгӯй иборат буда, 185 саҳифаи компютериро фаро мегирад. Дар рисола аз 3 расм, 5 чадвал ва 8 диаграмма ҷой дода шудааст.

**Дар муқаддима мубрамият, аҳмияти илмию амалии таҳқиқот асоснок карда шудааст, мақсаду** вазифаҳо, объект, предмет ва мавзӯи таҳқиқот муайян карда шудаанд, фарзия ба таври дақиқ ва мухтасар ифода карда шудааст, асосҳои методологӣ ва назариявӣ, методҳои тадқиқот нишон дода шудаанд, навгониҳои илмӣ, аҳмияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада инъикос гардидаанд, масъалаҳои дар ҳимоя тасдиқшаванда баён гардидаанд, тасвиб ва татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот оварда шудаанд.

Дар боби якум **Асосҳои илмӣ-педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон номгузорӣ гардида, дар зербоби якум** хусусиятҳои ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар адабиётҳои психологӣ-педагогӣ ва илмӣ таҳлил гардидаанд. Қайд мегардад, ки предмети педагогикаи халқӣ – илм дар бораи таҷрибаи мардум оид ба тарбияи насли наврас, дар бораи тайёрии педагогӣ ба ҳаёт, зиндагӣ, ба зиндагонии оилавӣ, авлоду қабила, халқияту миллат мебошад.

Талаботи воқеии наврасӣ хоҳиши тасдиқи худ, ҷустуҷӯи мавқеи худ дар ҷаҳон аст. Қонеъ гардондани ин талабот доираи ҷамъиятии насли наврасро васеъ намуда, уро аз доираи таҷрибаи фардиаш берун мебарорад, ба ташаккули идеал ва муносибат дар зиндагӣ такони мусбӣ мебахшад. Давраи наврасӣ аз он ҳам мураккаб аст, ки маҳз дар ҳамин давра ташаккули ҷаҳонбинии шахсият сурат мегирад. Тарбияи инсони комил дар педагогикаи муосири тоҷик бар асоси қадимтарин ақидаҳои педагогии ниёгон сурат мегирад ва яке аз бузургтарин сарчашмаҳои он китоби муқаддаси ориёи бостон "Авасто" мебошад. Китоби муқаддаси "Авасто" "пиндори нек, гуфтори нек ва гуфтори нек"-ро тарғиб мекунад.

Асри XXI тағйиротҳои глобалӣ дорад, ки ин амри воқеъист. Мафҳуми глобалӣ ё глобализатсия аз забони лотинӣ гирифта шуда, ба маънои кураи замин меояд. Ин мафҳумро дар забони тоҷикӣ бо вожа ва таркибҳои «ҷаҳонгароӣ», «ҷаҳонӣ шудан», «ҷаҳонишавӣ» ифода мекунанд. Ҷаҳонишавӣ осори манфии зиёде дорад, ки ба андешаи муҳаққиқони муосир хароб шудани муҳити зист, тамоюлоти манфӣ дар иқтисоди миллӣ, бухрони давлатҳои миллӣ, таъсири фарҳанги ғарбӣ, рушди тариқатгароӣ ва ҷудоиталабии қавмӣ ва гайра аз ҷумлаи онҳоянд.

Яке аз роҳҳои ташаккули ҷаҳонбинии наврасон истифодаи методи эътиқод дар тарбия аст. Самаранокӣ ва таъсирнокии ин метод дар илми педагогика собит гардидааст. Эътқод роҳи ташаккули донишҳо ва ақидаҳост. Дар тарбияи наврасон ҳамон донишҳое, ки инсоният бобати таърих, дин, фарҳанг, арзишҳо, анъана ва расму ойинҳои мардуми

кишварҳои дигар ҳосил мекунад ва ҳамон ақидаҳо, ки ин ё он мардум дорад, меистанд.

**Боби дуюм «Таҳқиқи раванди ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ »** ба корҳои таҷрибавӣ бахшида шудааст, ки дар асоси он барномаи «Барномаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон бо воситаи педагогикаи халқӣ берун аз фаъолияти таълимӣ» кор карда баромада, ба амал бароварда мешавад.

Оид ба «Вазъият ва масъалаи ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар замони муосир» қайд мегардад, ки масъалаи тарбияи наврасон дар Тоҷикистон паҳлӯҳои мухталиф дошта, аз ҷониби олимону таҳлилгарон равандҳои фикрӣ ва фарҳангии муҳити онҳо ба таври алоҳида омӯхта мешавад, ки он барои шинохти зарфиятҳои мавҷуда ва таҳдиду хатарҳои муосир имкони фарохеро ба миён меорад.

Нақши ҷомеа дар тарбияи миллӣ хеле муҳим буда, ҳамкории мактабу оила ва аҳли ҷамъиятро бо якдигар дар самти иҷрои вазифаи муҳими давлатӣ оид ба тарбияи насли наврас тақозо дорад. Зарур аст, ки барномаи мукаммали тарбиявӣ коркард шавад, ки он тамоми соҳаҳои ҳаётро фаро бигирад: ҳам соҳаи сиёсату иқтисодиёт, ҳам самтҳои илму маориф ва ҳам фарҳангу маданият. Ин барнома барои ҳар синну сол, кишрҳои гуногуни аҳолӣ, вобаста ба донишу фаҳмиши онҳо, ҷаҳонбинию доираи назари онҳо мувофиқат намояд.

Таҳқиқоти мазкур мутобиқ бо методологияи он дар байни хонандагон, омӯзгорон ва коршиносон гузаронида шудааст. Он танҳо дар асоси назари мусоҳибон таҳия шуда, дидгоҳ, хоста, манфиат, интизорӣ ва эҳтиёҷи имрузаи мусоҳибонро инъикос мекунад. Аз ин рӯ, дар гузориши мазкур масъалаҳои мавриди таҳлил қарор ёфта, аз ҳамин лиҳоз баррасӣ гардида, барои таҳияи барномаи таълимии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон, байни хонандагони синфҳои болоӣ ва гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ пешбинӣ шудааст.

Яке аз муҳимтарин вазифа дар рафти таҳқиқот иборат аз он аст, ки аз захираи бузурги таълимоти педагогии мутаффакирони форсу тоҷик ва анъанаҳои фарҳангӣ интихоб намудани маводе ҳаст, ки метавонад барои тарбияи босифати насли наврас мусоидат намояд. Зеро дар ҷомеаи имрӯзаи тоҷик, ки ҳодисаҳои нохуши гузашта ба шууру психологияи сокинони ҷумҳурӣ, аз ҷумла ба ҷавонон ва донишҷуён таъсири манфӣ расонид, ин бағоят муҳим мебошад.

Нуктаҳои зикршуда бояд дар раванди таҳияи барномаи таҳқиқотӣ васеъ истифода шаванд, чун сатҳи биниши масъала дар шаҳру ноҳияҳои мавриди назар қарор гирифтаро дар бар мегирад.

**Барои ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ чунин пешниҳодҳоро ироа карданд:**

1. Баланд бардоштани самаранокии корҳои тарбиявӣ, таъмини фароғати насли наврас, фаъолияти эҷодӣ ва тарзи ҳаёти солим дар давраи фориғ аз таҳсил (соатҳои тарбиявӣ, маҳфилҳои ҳунаромӯзӣ ва фаъолияти эҷодӣ ва тарзи ҳаёти солим) корҳои муайян анҷом дода шуд.

Баргузор намудани мулоқоту вохуриҳо бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ветеранҳо (иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва ҷанговарони байналмилалӣ), ходимони дин ва ғайра;

2. Идомаи нашри мақолаҳо дар матбуоти даврӣ;

4. Ташвиқи наврасон ба китобдустӣ ва китобхонӣ;

6. Тағйири арзишҳои имрӯзаи мардум барои рушди солими ҷомеа; зимни сӯҳбат бо омӯзгорон зикр шуд, ки тарғибу ташвиқи худшиносӣ ва ватанпарастӣ ба роҳ монда шудааст, вале наврасону ҷавонон ба дарки он сарфаҳм намераванд.

Тадқиқотҳои гузаронидашуда имкон медиҳанд, ки ба хулосае омад, ки фарзия дар бораи ба мақсад мувофиқ будани истифодаи фарҳангу анъанаҳои миллӣ дар ташаккули худшиносӣ тасдиқ гардид. Чунин корҳо ба фаъол гардидани фаъолияти миллӣ-ватандустии хонандагони синфҳои боло, афзудани шавқу ҳавас ба омӯзиши мероси мадании миллии халқи худ мусоидат карданд.

Сипас аъзоёни ҷаласа Назиров Н., Давлатшоев И., Хасанов Ю. саволҳои худро ба унвонҷӯй пешниҳод намуданд ва унвонҷӯй ба ин саволҳо ҷавоб дод.

Сухан ба роҳбари илмӣ Иматзода Лутфия Маҳмадулло – доктори илмҳои педагогӣ, дотсент (тақриз замима мегардад).

**Сухан ба муқарризони кори диссертатсионӣ:** дар баромади худ муқарризони кори диссертатсионӣ Зиёзода Т.Н. - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраитаърихи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон; Раҷабов Маҳкамов Д. – дотсент номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Котибова Ш. - номзади илмҳои педагоӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ ва синфҳои ибтидоии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар маҷмӯъ корро анҷомёфта ҳисобида, баъди анҷоми ислоҳи тағйиротҳои ҷузъӣ ба ҳимоя пешниҳод намуданд (тақризҳои муқарризон замима мегардад).

Муқарризон д.и.п., профессор Зиёзода Т.Н., н.и.п., дотсент Маҳкамов Д. ва иштирокдорони ҷаласа н.и.п. Давлатшоев И., ходими калони илмӣ Мардинаева М. мулоҳизаҳои худро оид ба диссертатсияи Ризоева Н.М. баён сохта, асосан ба диссертатсия баҳои мусбат доданд ва барои боз ҳам беҳтар шудани сифати таҳқиқот эроду тавсияҳои худро манзур карданд.

Дар асоси баромади унвонҷӯ, муқарризон ва қабули хулоса оид ба диссертатсия ҷаласаи васеи шуъбаи шуъбаи педагогика ва психология, фанҳои ҷомеашиносӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна дар мавзӯи "Асосҳои педагогии ташаккули ҷаҳонбинии миллии наврасон дар асоси педагогикаи халқӣ" аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва

ташкилифаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.03. – педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) кори мустақилона бaанҷомрасида, ки дар он вазифаҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ҳалли худро ёфтаанд, ҳисобида шавад.

2. Ба диссертант Ризоева Нигинамо Маҳмадуллоевна супориш дода шавад, ки дар дар муҳлати муайян ҳамаи пешниҳоди муқарризони расмӣ ва ғайрирасмиро мавриди баррасӣ қарор дода, тағироту иловаҳоро ба рисола ворид созад.

3. Дар маҷмӯъ кор анҷомёфта ҳисобида шуда, барои дифоъ ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод карда шавад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд - 8 нафар.
Қарор бо як овоз қабул шуд.
«Тарафдор» - 8 нафар.
«Зид»- нест.
«Бетараф»-нест.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои психология, мудири шуъбаи педагогика ва психологияи ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Н.Абдурашитов

Котиби ҷаласа, ходими калони илмии шуъбаи шуъбаи педагогика ва психологияи ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ю.Хасанов

Имзои Н.Абдурашитов ва Ю.Хасановро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳои ПРМ ба номи А. Ҷомии АТТ — Ҳакимова Х.